# Инкишофи нутқ

Дар охири 3 солаги нутқи кӯдак пурра инкишоф ёфтааст дар ӯ захираи луғави мавҷуд аст ва нутқи онҳо аз ҷиҳати грамматики дуруст сохта шудааст.

Дар давраи то мактаби хусусияти нутқчунин сохтор дорад:

Нутқи алоқаноки монолги ин нутқи пурра муфассал, мустақил дар инкишофи психикии кудакони ин давра нутқ мавқеи муҳимро ишғол мекунад нутқи кӯдак дар аввал аз аёният ва амалиётҳои кӯдак бо ашё вобастааст, баъд ин вобастаги канда мешавад. Нутқ дар шакли шарти – хаёли сохта мешавад ки амалҳои фикриро талаб мекунад. Дар инкишофи нутқ чунин дигаргуниҳо ба вучуд меоянд:

1.нутқ аз вазъияти аёни ҷудо мешаванд.

2.ба нақшагири дар нутқ пайдо мешавад,нутқи даруни̅ ба вуҷд меояд.

Дар охири 5 солагивазифаи навъи нутқ пайдо мешавад: дар аввал нутқ ҳамчун воситаи муошират истифода мешавад – вазифаи камуникативиро иҷро мекунад минбаъд вазифаи банақшагирии нутқ пайдо мешавад (кӯдак пешаки чи гуфтанашро ба нақша мегирад.

Жан Пиаже ҳангоми гузаронидани таҷриба як намуди аҷиби нутқи кӯдаконро мушоҳида кард. Кӯдакон дар вақти расмкаши̅ дар бораи расми кашидаи худбайни ҳамдигар муошират мекарданд, аммо диққати онҳо ба якдигар равона нашуда буд. Ин гуна нутқро Пиаже нутқи эгосентрики̅ номид, ки маънои нутқи ба худ мутамарказонидашударо дорад ва ба ақидаи ӯ ин нутқ ба дигар кӯдак равона карда шудааст.

Виготский чунин намуди нутқро бо усули озмоиш омӯхта, ба чунин саволҳо ҷавоб меҷуст:

1. Ин намуди нутқи эгосентики̅ ба куҷо ва ба ки̅ равона шудааст?
2. Барои гӯш кардан ҳамсӯҳбат ва ё шунаванда лозим аст ё не?

Барои ба саволи 1-ум ҷавоб ҷустан ӯ дар лабаратория чунин вазъиятро ташкил кард. Ба кӯдакон қалами нӯгаш шикастаги̅ ва ба дохили сӯрохи̅ гузошта шударо медиҳад. дар вақти расм каши нӯги қалам доимо афтида меистад ва дар ҳолат кӯдак гап мезанад. Аз ин Виготский хулоса мебарорад, ки нутқи мутамарказонидашуда ба дигар кӯдак равона карда нашудааст, балки ин нутқ ба фаъолият равона шудааст, ба фаъолияте, ки нотамом мондааст. Масалан: нӯги қалам мешиканад, кӯдак гап мезанад.

Барои ба саволи 2-юм ҷавоб ҷустан ҳамон гуна ваъиятро ташкил мекунаду кӯдаки солимро дар байни кӯдакони ношунаво ва гунг ҷойгир мекунад. Ҳама ба расмкаши машғул мешавнд. Дар аввал кӯдаки солим бо бачаҳои атроф гап мезад, баъд аз чанд лаҳза хомӯш мешавад.

Аз ин хулоса бароварда шуд, ки барои нутқи мутамарказонидашуда ҳаман ҳамсӯҳбат ва шунаванда лозим аст.

Ин намуди нутқ дар калонсолон низ мавҷуд аст.

Чунин тадқиқотҳо исбот карданд, ки дар 5 солагӣ нутқ вазифаи банақшагириро иҷро мекунад. Нутқи дохилӣ инкишоф меёбад ва хусуси хосро дорад: кӯдак ҳангоми ба нақшагирӣ бо овози баланд гап мезанад онро ба шахси дигар равона мекунад, баъд кӯдак худ ба худ гап мезанад, ки инро нутқи дарунӣ мегӯянд ва барои ин шунванда даркор нест.

Ба воситаи нутқ кӯдак на танҳо муошират мекунад инчунин фаъолияти худро ба нақша мегирад.

## Инкишофи тафаккур

Шакли асосии тафаккур дар давраи томактабӣ аёни амлӣ, аёнӣ-образӣ буда дар асоси он шакли нав тафаккури мантиқи –калимагӣ ташаккул меёбад.  Ду намуди авали тафаккур дар давраи барвақти бачагӣ пайдо шуда баъдан шакли муҳокимавӣ мантиқиро мегирад дар асоси пайдоиши ин шакли нави амалиёт бо ашё ва фаъолияти бозӣ нақши муҳимро мебозад.

Тафаккур дар ин давра хусусияти донистгирӣ дорад, ки дар рафти бо ашё амал кардан вазифаҳои ашёро аз худ мекунад. Масалан: қошуқ барои хурок хурдан.

Амалҳои фикри ба монанди ҷамбасткунӣ, умумигардонӣ низ аз қобилияти зеҳнии кӯдакон вобаста аст. М-н: ба гурӯҳҳо тақсим карани меваҳо, сабзавотҳо, ҳайвонҳои хонагӣ, ваҳши, мебел, ашёи рӯзгор, либос, пойафзол, нақлиёт ва ғ. Ба онҳо муносибати ашёҳоро умумӣ карда мефаҳмонанд, чунки дар вақти гурӯҳбандии ҳайвонҳо танҳо ба номи он, ҷои зист ва хӯроки истеъмол мекардагиаш аҳамият медиҳанд. Хусусиятҳои муҳим ва алоҳидаи ашёҳо ба фаҳмиши кӯдак мушкили меорад. Дар ин давра тафаккур аз нутқи кӯдак вобастагии зич дорад. Захираи луғавии онҳо дар амалҳои фикри таҳлил, муҳокимаронӣ, муқоиса, фарқ, ҷамбаст, монандкунӣ, мушаххаскунӣ кӯмак мерасонад. Ин амалҳо дар рафти машғулиятҳо васеъ истифода мешаванд. Бояд донист ки дар инкишофи тафаккур дар баробари нутқ истифодаи аёният нақши калон мебозад шаклу сохтори аёният натанҳо аз расмҳою суратҳо иборат бошанд инчунин аз маделҳо схемаҳои шарти ва ғайраҳо них иборат бошанд.дар ҳамин мавврид метавонем барои дуруст инкишоф

ёфтани тафакури мантиқи мусоидат кард. Аз калонсолон талаб карда мешавад ки қобилияти эҷодии кӯдакро инкишоф диҳанд барои инкишоф додан шароит муҳаё кардан лозим аст.